**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**ректори МДТ-и «Донишгоҳи**
**давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**профессор Усмонзода Аюб Ислом**
**______________________________**
**«__9__»___марти__________соли 2025-ум**

# ХУЛОСАИ
# КАФЕДРАИ ЗАБОНИ ТОҶИКИИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович таҳти унвони **«Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дар кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

Самадов Рамазонӣ Саидназарович соли 2013-ум ба ихтисоси забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дохил шуда, онро соли 2017-ум хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик дохил шуда, соли 2019-ум зинаи мазкурро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз санаи 31.08.2021 таҳти № 549 ба ҳайси докторант (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология қабул карда шудааст.

*Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Муассисаи давлатии* таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» санаи 30.11.2021, қарори №4 тасдиқ карда шуда, роҳбари илмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

академик Бобоҷон Ғафуров» Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф таъйин карда шудааст.

Ҳангоми таҳсил дар докторантура (PhD) имтиҳонҳои ниҳоӣ ва маҷмуиро пурра бо баҳои «аъло» (Методикаи таълим дар мактабҳои олӣ – «аъло», методологияи таҳқиқоти илмӣ – «аъло», забони англисӣ – «аъло», фразеологияи забони адабии тоҷикӣ – «аъло», таърихи навини забони адабии тоҷикӣ – «аъло», таърихи афкори забоншиносии тоҷик – «аъло», лингвистикаи матн – «аъло», забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ – «аъло», робитаҳои забонӣ – «аъло», орфоэпияи забони тоҷикӣ – «аъло», таҷрибаомӯзии педагогӣ – «аъло», таҷрибаомӯзии касбӣ (илмӣ) – «аъло», имтиҳони маҷмуӣ – «аъло») супоридааст (Маълумотнома аз 07.04.2025, №01/1389).

Диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович таҳти унвони «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикӣ аз 06-уми марти соли 2025, №8 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия “Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқат мекунад.

**Алоқаи мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсия дар доираи Барномаи “Рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030”-юми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи корҳои илмӣ–тадқиқотии кафедраи

забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», ки «Масъалаҳои мубрами забоншиносии тоҷик» унвон дорад, омода гардидааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферат.** Интишороти довталаб ба талаботи сархати якуми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) мутобиқат мекунад.

**Мавҷудияти санади татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти тадбиқ намудани онҳо:** - натиҷаҳои таҳқиқро метавон дар таълими фанҳои тахассусии забоншиносӣ, чун муқаддимаи филологияи эронӣ, таърихи забони тоҷикӣ, грамматикаи таърихӣ ва муқоисавии забонҳои эронӣ истифода намуд. Бахшҳои алоҳидаи диссертатсия дар таълими фанҳои интихобӣ барои ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои олӣ мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Инчунин, натиҷаву хулосаҳои диссертатсияро метавон дар таълифи рисолаҳои магистриву докторӣ (PhD) ва маводи таълимӣ-методӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳиқиқи диссертатсия** пеш аз ҳама, дар ҷамъоварии маводи фаровон аз матнҳои қадим ва муосири забонҳои тоҷикиву яғнобӣ, шиносоӣ бо осори таҳқиқии муҳаққиқони соҳа, ҳамзамон, омӯзиши назарияҳои донишмандони муосири ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳс, омода намудани мақолаву маърузаҳо зоҳир мегардад.

Диссертатсияи Самадов Р.С. дар мавзуи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» таҳия шуда, ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Самадов Р.С. аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, хулоса, тавсия, феҳристи адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Самадов Р. Як усули бостонии ташаккули замони гузаштаи феъл дар забони яғнобӣ [Матн] / Р. Самадов // Ахбори ДДҲБСТ (Силсилаи илмҳои гуманитарӣ). №4 (77). 2018. – Хуҷанд, 2018. –С. 139-143.

2. Самадов Р. Муқоисаи шаклҳои нақлии замони гузаштаи феъли забони тоҷикӣ ва яғнобӣ [Матн] / Р. Самадов //Ахбори ДДҲБСТ (Силсилаи илмҳои гуманитарӣ). №1 (90). 2022. – Хуҷанд, 2022. –С. 119-125.

3. Самадов Р. Хусусиятҳои корбурди аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъли забони суғдӣ [Матн] / Р. Самадов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. №5. 2022. – Душанбе, 2022. – С. 36-41.

4. Самадов Р. Ҳифзи як унсури грамматикии куҳан дар забони толишӣ [Матн] / Р. Самадов //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. № 1/3 (113). 2023. –Бохтар, 2023. – С. 63-66.

5. Самадов Р. Хусусиятҳои сохтории замони гузаштаи дур ва дури давомдори феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ [Матн] / Р. Самадов //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. № 2 (103). 2023. – Душанбе, 2023. – С. 105-109.

6. Самадов Р. Мавқеи аугмент дар феълҳои пешванди на- доштаи забони яғнобӣ [Матн] / Р. Самадов //Ахбори ДДҲБСТ (Силсилаи илмҳои гуманитарӣ). №1 (98). 2024. – Хуҷанд, 2024. –С. 86-91.

**II. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:**

7. Самадов Р. Мавқеи аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ [Матн] / Р. Самадов //Армуғони навроҳони илм №5. 2019. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. –С. 373-375.

8. Самадов Р. Мавқеи аугмент дар забонҳои эронӣ (дар мисоли забонҳои суғдӣ ва яғнобӣ) [Матн] / Р. Самадов //Уфуқи андеша. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. –С. 185-190.

9. Самадов Р. Хусусиятҳои истифодаи аугмент дар забонҳои шарқиэронӣ (дар мисоли забонҳои суғдӣ ва хоразмӣ) / Р. Самадов [Матн] // Пайванди пажуҳиш. – Хуҷанд: Ношир, 2021. –С. 33-37.

10. Самадов Р. Мавқеи аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъли забони яғнобӣ [Матн] / Р. Самадов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии "Роҳҳои баланд бардоштани сифати таълими фанҳои ҷомеашиносӣ ва забонҳо дар макотиби таҳсилоти олии равияҳои техникӣ". –Хуҷанд: Меҳвари дониш, 2021. –С. 46-51.

11. Самадов Р. Мавқеи аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъли забони порсии қадим [Матн] / Р. Самадов //Ахбори осорхонаи таърихии вилояти Суғд. №6. 2021. – Хуҷанд: Ношир, 2021. –С. 167- 171.

12. Самадов Р. Як унсури феълсоз дар забонҳои суғдӣ ва хоразмӣ [Матн] / Р. Самадов // Забон – рукни тоат. №13. 2022. – Душанбе, 2022. –С. 114-118.

13. Самадов Р. Шаклҳои нақлии замони гузаштаи феъл дар забони адабии ҳозираи тоҷик ва муқоисаи онҳо бо забони яғнобӣ [Матн] / Р. Самадов //Забон- ҳастии миллат. – Душанбе: МТБТ-и ДМТ, 2022. – С. 241-245.

14. Самадов Р. Аугмент в новых иранских языках (на пример толышиского языка) / Р. Самадов [Текст] //Science. Research. Practice (Наука, исследования, практика). – Санкт-Петербург. 2023 . –С. 22-25.

15. Самадов Р. Аугмент ҳамчун унсури созандаи замони гузаштаи феъл дар забони хоразмӣ / Р. Самадов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Забон – намояндаи хотираи густардаи таърих ва ҳозира". – Душанбе, 2024. –С. 54-56.

16. Самадов Р. Мавқеи корбурди аугмент дар феълҳои таркибии забони яғнобӣ / Р. Самадов // Уфуқи андеша. Ҷилди 7. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2025. –С. 428-433.

## ҶАЛАСА ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи **«Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» санаи 06.03.2025 суратҷаласаи №8 қабул гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: ҳамагӣ – 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раис:**
Профессори кафедраи забони тоҷикии
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,
доктори илмҳои филологӣ: Шокириён Т.С.

**Котиб:**
Муаллими калони кафедраи забони тоҷикии
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,
номзади илмҳои филологӣ: Ҳусанбоев Н.А.

«Имзоҳои Шокириён Т.С. ва Ҳусанбоев Н.А.-ро тасдиқ мекунам»:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»: Сайдуллозода З.С.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил. Суғд, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков, 1.,
Тел.: (+992) 92-805-70-07. E-mail: zarrina_14.10.70@mail.ru

«_9_»___марти___соли 2025.